# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи "Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Мавзӯи диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин муҳим арзёбӣ мешавад, зеро дар замони муосири пешрафти илму техника ва воситаҳои иттилоотӣ таҳсилоти фосилавӣ беш аз пеш мақом пайдо мекунад ва рушд меёбад. Таҳсилоти фосилавӣ чун шакли ҷадиди пешниҳоди таълим ба толибилмон барои ба даст овардани маълумотҳои дақиқ ва татбиқи онҳо роҳ мекушояд.

Низоми таҳсилоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки оммаи васеи хоҳишмандон баҳри такмили дониш, маҳорат ва малакаи касбӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, ба монанди телевизион ва радио фаро гирифта шуда, ҳамзамон ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бештар мустақилона фаъолият кунанд, бо устодон робитаи пайвастаю мутақобил дошта бошанд, барои ҳифзи дониш ва маълумотҳои саҳеҳ шуурона муносибат кунанд.

Мақсади таҳқиқот мушаххас буда, он аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани сохтор ва талаботи таҳсилоти фосилавӣ, ошкор сохтани бартарии он дар ташаккули фаъолияти мақсадноки таълимгирандагонро дар бар мегирад.

Ддар рисолаи илмӣ унвонҷӯ ҳалли чанд вазифаҳоро зарур мешуморад. Аз ҷумла:

1) ошкор намудани анъанаҳои рушди таҳсилоти муосир, ки барои роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ аҳамиятнок мебошанд;

2) дар асоси таҳлили низомӣ-ахборотӣ муайян намудани тақсимоти захираҳои маърифатии Тоҷикистон;

3) муайян намудани шакл ва методҳои таълим, ки истифодаи дурусти он ташаккули маърифатӣ ва шахсияти донишҷӯро таъмин менамояд;

4) ошкор сохтани шароитҳои педагогӣ, ки риояи он таъминкунандаи самаранокии таҳсилоти фосилавӣ мебошад;

5) коркарди тавсияҳо баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилоти фосилавӣ ва омодагии мутахассисони соҳибкасб.

Дар рисола моҳият ва сохтори мафҳуми «таълими фосилавӣ», таҳияи меъёр ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи он мушаххас гардонида шудаанд; самтҳои асосӣ, талабот ва шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар шароити таълими анъанавӣ ва фосилавӣ муайян гардида, технология ва усулҳои нави шаклҳои фосилавии раванди таълим дар доираи омодасозии таълимгирандагон аз рӯи фанҳои равияи табиию риёзӣ таҳия ва барои татбиқи амалӣ пешниҳод карда шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия собит мекунад, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳия ва такмили барномаҳо ва курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, дастуру пешниҳодҳо ба раванди роҳандозии низоми фосилавӣ омили беҳтарин хоҳад шуд.

Автореферати диссертатсияи унвонҷӯ З.З.Зиёвиддинзода нишон дод, ки дар баробари дастовардҳо дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла:

1. Дар боби якум хуб мебуд агар диссертант оид ба вазъи воқеии таҳсилоти фосилавӣ андешаҳои худро иброз медошт.

2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддинро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Муаллиф таҳқиқи масъалаи гузоштташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқи қарор дода, усулҳои пешқадам ва инноватсиониро дар ҷараёни дарсҳои табиӣ-риёзӣ дар таҳлили фосилавӣ пешниҳод намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конфронсҳои илмӣ, семинарҳои илмиву методӣ, ҷаласаи кафедраи математика ва информатикаи донишкадаи омӯзгорӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои педагогӣ,
сармуаллими кафедраи педагогика ва
психологияи Донишгоҳи Байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Амирова Гулнисо

26.01.2024

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6

**Телефон:** (+992) 55 600 42 43

**E-mail:** gulniso@mail.ru

Имзои Г. Амироваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ Юсупова Б. Г